**СУРАТМАҶЛИСИ № 13.2.**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6Д.КОА-012**
**назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

16 сентябри соли 2023 ш. Душанбе

Ҳайати шуро бо шумораи 15 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро, дар ҷаласа 14 нафар аъзо иштирок доштанд, ҳамаи онҳо доктори илм, аз он ҷумла 5 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда.

**ШУНИДА ШУД**: Ҳимояи диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ).

**Мавзӯи диссертатсия:** «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Ҷумъаев Б.М.– доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
2. Лутфулоев Мазбутджон Дадожонович – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (шаҳри Душанбе).

Ба автореферати диссертатсия 5 тақриз ворид гардид. Ҳамаи тақризҳо мусбатанд.

Ба довталаб 12 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзои зерини шуро пешниҳод гардид: Муқаддасзода Ф.М., Нидоев Н.Ф., Ҷамшедов М., Дӯстбоев Ш., Фақеров Ҳ.Н., Толибов Қ.Қ., Қодирова З.Ҳ.

**Дар муҳокима иштирок намуданд:** д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., д.и.и., дотсент Нидоев Н.Ф., д.и.и., дотсент Муқаддасзода Ф.М.

**Ба ҳайати комиссияи ҳисоб интихоб шуданд:** д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н. (раис), д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ. ва д.и.и., дотсент Нидоев Н.Ф.

***қарор қабул карда шуд:***

1. Диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дар мавзуи “Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) ба талаботи муқарраргаштаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.

3. Ба Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Бобохонова Шаҳрбону Холназаровнаро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз намояд.

Кӣ тарафдори қарори шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед. Зид? - Нест, Бетараф? - Нест.

Қарор якдилона қабул гардид (14 нафар тарафдор).

**Раиси шӯрои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** — **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии шӯрои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** — **Толибов Қ.Қ.**